КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ**
**«БАҚАЙДГИРИИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ»**

# Ф А Р М О Н

аз 28 июни соли 2019 ш. Душанбе №207

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал дар бораи ҷорӣ намудани стандартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқарраргардида

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, №223 “Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки умумиҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022”

## Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:

1. Дастурамал дар бораи ҷорӣ намудани стандартхои пешниходи хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқарраргардида тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муовини якум, муовинон, сардорони шуъбаю бахшҳо, директорони КДФ “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул”дар шаҳру ноҳияҳо, бақайдгирандагон иҷрои талаботҳои Дастурамали мазкурро таъмин намоянд.
3. Назорати фармони мазкур ба зиммаи муовини якум Қаҳоров А. гузошта шавад.

Директор Умариён Р. Ф.

Замима ба фармони №207
аз 28 июни соли 2019

**Дастурамал**
**дар бораи ҷорӣ намудани стандартхои пешниходи хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқаррааргардида**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал дар бораи ҷорӣ намудани стандартхои пешниходи хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқаррааргардида дар асоси талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”, “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, Кодекси граждании Ҷумхурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, №223 “Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”таҳия карда шудааст.

2. Стандартхои пешниходи хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, инчунин механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқаррааргардидаро ҳамин Дастурамал муайян менамояд.

## 2. Стандарти хизматрасонии бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он

3. Хизматрасонии давлатии ҳуқуқҳо ба молу мулки ғайриманқул ва маҳдудиятҳо (гарониҳои) ҳуқуқ дар шакли ҳомилҳои электронӣ ва қоғазӣ анҷом дода мешавад.

4. Хизматрасонии давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории соҳаи замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад.

5. Анҷомдиҳии хизматрасонии давлатӣ дар шакли додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё додани огоҳинома оид ба рад намудани бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гарониҳои) ҳуқуқ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

6. Амалиёти бақайдгирии давлатӣ дар давоми 7 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули ҳуҷҷатҳои барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда ва пардохти маблағ барои анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ, анҷом дода мешавад.

7. Бақайдгирии давлатии маҳдудиятҳои ( гарониҳои) ҳуқуқ, ки аз тарафи мақомотҳои давлатӣ пешниҳод мегарданд, дар давоми 3 рӯзи корӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

8. Хизматрасонии давлатӣ оид ба бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гарониҳои) ҳуқуқ ба истисноии ҳабси молу мулки ғайриманқул бо гирифтани маблағ анҷом дода мешавад.

9. Хизматрасонии давлатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар рӯзҳои корӣ аз соати 8. 00 то 17.00, ба истисноии хӯроки нисфирӯзӣ аз соати 12.00 то 13. 00, рузҳои истироҳат (шанбе ва якшанбе, рӯзҳои иди ғайрикорӣ) расонида мешавад

10. Биноҳои ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ бо ҷои нишаст, хизматрасонии ҳуқуқӣ ва бо овезаҳои тартиби пур намудани бланкаҳо, маълумот оид ба нархномаҳо муҷаҳҳаз карда шудаанд.

## 3.Тартиби хизматрасонии давлатӣ

**11.** Барои бақайдгирии давлатӣ соҳибҳуқуқ ё мақоми ваколатдор ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза (дархост) тибқи шакли тасдиқгардида;

- барои шахси воқеӣ – ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият. Барои намояндаи ваколатдори шахси воқеӣ – ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, инчунин ҳуҷҷате, ки ваколати намояндаи шахси воқеиро тасдиқ менамояд;

- ҳуҷҷатҳое, ки маълумоти мушаххаси муроҷиаткунандаро дар бар мегирад;

- барои шахси ҳуқуқӣ - ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколати намояндаи ӯ;

- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва ҳуҷчатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ, агар ба ҳайси намояндаи шахси ҳуқуқӣ роҳбари он баромад намояд, дар ин ҳолат санади ба вазифа таъин (интихоб) шудани ӯ пешниҳод карда мешавад;

- ҳуҷҷатҳое, ки барои бақайдгирӣ асос мебошанд;

- ҳуҷҷате, ки тавсифи техникии молу мулки ғайриманқулро дар бар мегирад;

- пардохтнома дар бораи хизматрасонии ташкилоти бақайдгирии давлатӣ;

- пардохтнома оид ба супоридани хироҷ ба буҷет (дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”.

12. Шахсияти шаҳрванди хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад, бо гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо шиносномаи миллии ӯ муайян карда мешавад;

13. Қобилияти ҳуқукдории шахсони ҳуқуқӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, бо шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

14. Ҳангоми  аз номи намояндаи шахси ҳуқуқӣ муроҷиат намудани роҳбар, маълумот дар бораи  муассис ва роҳбари

шахси ҳуқуқӣ (қарори маҷлис дар бораи ба вазифа интихоб шудан ё фармон дар бораи ба вазифа таъин шудан) пешниҳод карда мешавад.

15. Дар асоси қисми 2 моддаи 19 Қонун дар бораи бақайдгирӣ барои анҷом додани амалиёти бақайдгирии давлатӣ ба истиснои аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ хироҷ ситонида мешавад. Дар асоси моддаи 74 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз супоридани хироҷ барои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он шахсони зерин озод карда мешаванд:

- маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо боробаркардашуда;

- маъюбони гуруҳҳои 1 ва 2, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст;

- маъюбон ва иштирокчиёни фалокати неругоҳи барқии атомии Чернобил.

16. Ариза  аз номи ноболиғони то 14 сола ва аз ҷониби шаҳрвандоне,  ки бо тартиби судӣ ғайри қобили амал эътироф шудаанд, аз тарафи волидайн, фарзандхондагон, васиён, парасторон  барои гузаронидани амалиёти  бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, гирифтани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ барои анҷом додани аҳдҳои ҳуқуки гражданӣ пешниҳод карда мешаванд.

17. Аризаи ноболиғони аз 14 то 18 сола ва шахсоне, ки қобилияти амалашон маҳдуд эътироф шудааст, дар асоси розигии хаттии волидайн, фарзандхондагон ва парасторон пешниҳод карда мешаванд.

18.  Мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо аризаи (дархости)  шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ  ва ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшударо қабул намуда, дар дафтари бақайдгирии аризаҳо ба тариқи барномаи  электронии “Системаи худкори бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар

Тоҷикистон” (минбаъд – СХБТ) ворид менамояд. Ҳамзамон мутобиқати шахси муроҷиаткунандаро бо ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ, ваколатҳои намояндаро (дар мавриди пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳо аз тарафи намоянда) ва ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирӣ пешниҳодшударо мутобиқи қонунгузорӣ месанҷад.

19. Ҳангоми дар байни муроҷиаткунандагон ҳозир набудани шахсоне, ки ҳуқуқҳояшон бевосита ба қайд гирифта мешавад, бақайдгиранда оид ба қабули ҳуҷҷатҳои ин шахсон дар асоси огоҳинома дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ соҳибҳуқуқонро хабардор менамояд.

20. Ҳангоми рад намудани қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда онҳо ба муроҷиаткунанда баргардонида мешаванд. Ба муроҷиаткунанда оид ба сабабҳои рад намудан ба таври хаттӣ дар давоми 3 рузи корӣ иттилоъ дода мешавад. Мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо огоҳиномаро оид ба рад намудани ариза (дархост) ба тариқи барномаи электронии СХБТ ба дафтари бақайдгирии аризаҳо ворид намуда, як нусхаи онро ба муроҷиаткунанда месупорад.

21. Дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ будани ариза ва ҳуҷҷатҳо бо пешниҳоди пардохтномаҳо аз тарафи муроҷиаткунанда мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо амалиёти зеринро ба ҷо меорад:

- аризаи (дархостӣ) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар дафтари бақайдгирии аризаҳо ба тариқи барномаи электронӣ ба қайд мегирад.

22.Ба муроҷиаткунанда дар бораи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо забонхат медиҳад, ки он маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

-насаб, ном ва номи падари довталаби соҳибҳуқуқ;

-рақам ва санаи қабули ҳуҷҷатҳо;

-намуди хизматрасонӣ;

-миқдор ва номгӯи ҳуҷҷатҳои гирифташуда;

-сана, вақт ва ҷои додани ҳуҷҷат;

- насаб, ном ва номи падари мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо.

23. Мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо аризаро бо замимаи ҳуҷҷатҳо ба тариқи барномаи электронии СХБТ ба сардори воҳиди сохтории бақайдгирӣ месупорад.

24. Сардори воҳиди сохтории бақайдгирӣ ба аризаи (дархости) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амри хаттӣ гузошта ҳуҷҷатҳоро барои баррасӣ ва анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ ба тариқи барномаи хэлектронӣ ба бақайдгиранда равон менамояд.

25.Бақайдгиранда дар давоми 7 рӯзи корӣ бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гарониҳои) ҳуқуқ ба истисноӣ ҳабси молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ мегирад.

## 4. Принсипи корӣ

26. Принсипҳои кории ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ:

-эҳтиром, эътироф ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

-поквиҷдонона ва беғаразона амал намудан;

-риояи интизоми хизматӣ.

## 5. Номгӯи хизматрасонии ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ

27.Хизматрасонии зерин дар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он муқаррар карда шудааст:

-пешниҳоди иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он;

-анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ ва дигар амалиёт мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманул ва ҳуқуқҳо ба он";

- барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул ва санҷиши тавсифи молу мулки ғайриманқул;

-додани машваратҳои ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

-таҳияи парвандаҳои заминсозӣ.

6. **Номгӯи молу мулки ғайриманқуле, ки ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд:**

28. Мутобиқи моддаи 8 Қонун дар бораи бақайдгирӣ ва моддаи 143 Кодекси граждании пайдоиш, гузаштан ва қатъи ҳуқуқ, инчунин ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гаронихои) зерин нисбати молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд:

- истифодабарии якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан ва бе ҳуқуқи бегона намудан;
- истифодабарии бемуҳлати қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан ва бе ҳуқуқи бегона намудан;
- истифодабарии муҳлатноки қитъаи замин;
- иҷора ва иҷораи фаръии қитъаи замин ба муддати зиёда аз як сол;
- пешбурди хоҷагидорӣ;
- идоракунии ваколатӣ;
- идоракунии оперативӣ;
- иҷора ва иҷораи фаръӣ ба муддати зиёда аз як сол, бе подош истифода бурдани бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, бинои ҷудогона;
- сервитут;
- ипотека;
- ҳабс;
- муқаррар намудани маҳдудиятҳо (гаронихо) нисбати молу мулки ғайриманқул дар натиҷаи эътирофи он ҳамчун объекти мероси фарҳангӣ;
- муқаррар намудани маҳдудиятҳо (гаронихо) нисбати молу мулки ғайриманқул дар натиҷаи хизматрасонии хати барқгузар, қубурхатҳо ва дигар иншоотҳои муҳандисӣ;
- дигар ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гаронихои) ҳуқуқҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 7. Тартиби анҷомдиҳии амалиётҳои бақайдгирӣ

29. Марҳилаҳои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ аз расмиёти зерин иборат аст:

- қабули ҳуҷҷатҳо барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ;
- анҷомдиҳии бақайдгирии давлатӣ;
- тасдиқи бақайдгирии давлатии анҷомдодашуда.

30. Бақайдгиранда ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳо амалиёти зеринро анҷом медиҳад:

- ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирӣ асос буда, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва мутобиқати онҳоро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Тоҷикистон месанҷад;
- ҳангоми номувофиқатии ҳуҷҷатҳо дар асоси «Қоидаҳо оид ба асосҳои таъин ва тартиби ташхиси ҳуҷҷатҳои аслии барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда», ки бо қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2014 таҳти рақами 20 тасдиқ карда шудааст ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2014 таҳти рақами 751 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ташхиси нусхаи ҳуҷҷатҳои аслии барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшударо таъин менамояд;
- ҳангоми пайдо шудани асосҳо баруйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқулро таъин менамояд.

31. Дар мавриди таъин намудани ташхиси нусхаи ҳуҷҷатҳои аслии барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда ва баруйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул амалиёти бақайдгирӣ боз дошта мешавад.

32. Ҳангоми мутобиқат намудани ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгиранда амалиёти зеринро мегузаронад:

- парвандаи бақайдгириро оғоз мекунад, аризаи асл инчунин нусхаҳои ҳуҷҷатҳои маълумоти мушаххасдошта ва ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирӣ асос бударо ба он дохил менамояд;

- бо ворид намудани сабтҳо ба феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он амалиёти бақайдгирии давлатиро анҷом медиҳад.

33. Пас аз анҷоми амалиёти бақайдгирии давлатӣ варақаи бақайдгирӣ ба парвандаҳои бақайдгирӣ ҳамроҳ карда мешавад.

34. Тасдиқи бақайдгирии давлатии анҷомдодашудаи ташкилёбӣ, тағйирёбӣ, пайдоиш, гузаштан, қатъи ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои (гарониҳои) ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул бо роҳи ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

## 8. Боз доштани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ

35. Ҳангоми зарурияти талаб намудани ҳуҷҷат ё маълумоти иловагӣ, анҷомдиҳии барӯйхатгирии техникӣ, санҷиши тавсифи молу мулки ғайриманқул, ташхиси асл будани ҳуҷҷатҳо, аз тарафи бақайдгиранда амалӣ бақайдгирӣ боздошта мешавад ва дар давоми 3 рӯзи корӣ аризадиҳандаро бо огоҳинома оид ба боздоштани бақайдгирӣ, мутобиқи замимаи 6, бо нишон додани сабабҳо ва ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ хабардор менамояд.

36. Ҳангоми зарурияти талаб кардани ҳуҷҷат ё маълумоти иловагӣ, анҷомдиҳии баруйхатгирии техникӣ, ташхиси асл будани ҳуҷҷатҳо, анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ аз тарафи бақайдгиранда метавонад дар давоми на зиёда аз як моҳ боз дошта шавад.

37. Дар ҳолати мавҷуд будани якчанд асос барои боздоштани амалиёти бақайдгирӣ чунин амалиёт метавонад ба ҳар яке аз асосҳо боз дошта шавад. Дар ин ҳолат муҳлати боздоштан аз рӯи ҳар як асос дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад.

38. Агар дар лаҳзаи баррасии ариза барои бақайдгирии давлатӣ, аризаи хаттии шахси манфиатдор оид ба мавриди баҳс қарор додани ҳуқуқ ё маҳдудиятҳои (гаронихои) ҳуқуқ, ки бақайдгирии онро шахси дигари манфиатдор хоҳиши ба суд муроҷиат намуданро дорад ворид шавад, анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ дар давоми на зиёда аз як моҳ боз дошташуда, дар варақаи бақайдгирӣ сабтҳо ворид карда мешавад. Шахсе, ки барои мавриди баҳс қарор додани бақайдгирии давлатӣ мақсади ба суд муроҷиат карданро дорад, бо аризаи шакли муайян ба ташкилоти бақайдгирии давлатӣ муроҷиат менамояд. Мутахассис оид ба қабул ва додани ҳуҷҷатҳо аризаро дар бораи боздоштани амалиёти бақайдгирӣ дар дафтари бақайдгирии аризаҳо сабт намуда, муроҷиаткунандаро дар бораи муҳлати додани аризаи даъвогӣ ба суд огоҳ менамояд ва нусхаи аризаро дар бораи боздоштани амалиёти бақайдгирӣ ба сардори воҳиди сохтории бақайдгирӣ месупорад.

39. Агар дар давоми ин муҳлат ба ташкилоти бақайдгирии давлатӣ маълумоти хаттӣ аз суд дар бораи оғози мурофиа оид ба даъвои дахлдор ворид нагардад, пас амалиёти бақайдгирии давлатӣ анҷом дода мешавад. Дар ҳолати ворид шудани маълумоти хаттӣ аз суд дар бораи оғози мурофиа оид ба даъвои дахлдор амалиёти бақайдгирӣ, то ҳалли ин парванда аз тарафи суд, боздошта мешавад.

**9. Рад намудани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ**

40. Мутобиқи моддаи 36 Қонун дар бораи бақайдгирӣ бақайдгиранда анҷомдиҳии амалиёти бақайдгириро дар ҳолатҳои зерин рад менамояд:

- шакл ва мазмуни ҳуҷҷатҳои барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ пешниҳодгардида ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунад;

- номувофиқатии натиҷаҳои санҷиши тавсифи молу мулки ғайриманқул бо маълумоти дар ҳуҷҷатҳои барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида муайян шуда бошад ё санҷиши таъингардидаи тавсифи молу мулки ғайриманқул бо тартиби муқарраргардида анҷом дода нашуда бошад;

- ҳангоми бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқҳои дигар шахсон вайрон шуда бошанд;

- ҳангоми бақайдгирии давлатӣ талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон шуда бошанд;

- мавҷудияти сабт оид ба ҳабси молу мулки ғайриманқул, ки нисбати ҳуқуқҳо ба он ба бақайдгирии давлатӣ арз шуда бошад;

- дар як вақт аз аризадиҳандагони гуногун ду ва ё зиёда аризаҳо оиди бақайдгирии давлатии ҳамон як молу мулки ғайриманқул, ҳамон як ҳуқуқҳо, маҳдудиятҳои (гарониҳои) ҳуқуқ дохил шуда бошад, ки бақайдгирии давлатиашон дар як вақт номумкин аст. Ин асос барои рад намудани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ фақат дар ҳолате истифода мешавад, ки агар нисбати ду ва ё зиёда аризадиҳанда дигар ягон асос барои рад кардани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ набошад.

41. Ҳангоми рад намудани амалиёти бақайдгирӣ, бақайдгиранда дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ бо огоҳинома дар бораи рад намудани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, аризадиҳандаро бо нишон додани сабаби рад намудан ё дар ҳолати шахсан муроҷиат намудан бо гирифтани имзо мутобиқи замимаи 8 огоҳ менамояд. Ҳангоми рад намудани амалиёти бақайдгирӣ, бо мақсади бурдани ҳисоби молу мулки ғайриманқул бо тартиби ҳатмӣ ба он рақами кадастрӣ дода шуда, варақаи бақайдгирии объекти молу мулки ғайриманқул пӯшида мешавад.

42. Дар хусуси рад намудани бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд бо ариза ба суд ё ба ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ шикоят намоянд.

## 10.Ҷавобгарӣ барои риоя накардани меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои хизматрасонӣ

43. Дар асоси моддаи 66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии бақайдгирии давлатӣ, бақайдгирандагон барои зараре, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин расонидаанд, масъул мебошанд:

-пешниҳоди иттилооти беэътимод аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқо ба он;

- ғайриқонунӣ рад кардани анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ;
- ғайриқонунӣ анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ ва дигар амалиёт;
- гум кардан, вайрон намудани ҳуҷҷатҳо ё иттилооте, ки дар феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он нигоҳ дошта мешаванд;
- риоя накардани мӯҳлатҳои муқарраргардидаи баррасии аризаҳо.

44. Ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии бақайдгирии давлатӣ, бақайдгирандагон вазифадоранд, ки зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра ҷуброн намоянд.
45. Маблағҳои ба ҷабрдидагон пардохтнамудаи ташкилоти бақайдгирии давлатӣ бо тартиби регресс аз шахсоне, ки амалҳои барқасдонаи гунаҳкоронаи онҳо боиси зарар гардидаанд, ситонида мешаванд.

## 11. Шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқарраргардида

46. Шикоят овардан нисбати амал (беамали)-и кормандони ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ оид ба хизматрасонии давлатӣ ба номи директори ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ дода мешавад.

47.Маълумот оид ба шикоят овардан нисбати кормандони ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ оид ба хизматрасонии давлатӣ таввасути телефонҳои боварӣ 378818835, 227-81-37 гирифта мешавад.

48. Шикоят ба тариқи зерин пешниҳод мегардад:
-ба тариқи хаттӣ таввасути хизматрасонии алоқаи почта;
- ба тариқи электронӣ дар шакли ҳуҷҷати электронии бо имзои электронии рақамӣ тасдиқшуда;
- ба воситаи алоқаи телефонӣ (мобилӣ);
-ба воситаи сомонаи расмии ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ –www. baqaydgiri.tj.

49. Шикоятҳое, ки аз тарафи ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ қабул карда мешавад, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” баррасӣ карда мешавад.

50. Дар мавриди аз натиҷаи баррасии шикоят оид ба хизматрасонии давлатӣ розӣ набудани шахсони манфиатдор ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд мурочиат намоянд.